«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент
____________ Комилбек Амид Ёрбек
“___” ____________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна мубрам ва дархури тақозои замони муосир буда, ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондани асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим арзёбӣ мешавад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари ба хонандагон додани дониши чукур ва устувор, дар назди муассисаҳои таълимии муосир вазифа гузошта мешавад, ки тавоноии эҷодии ҳар як хонандаро барои иҷтимоишавӣ инкишоф дода, дар хонандагон ташаккул додани чунин маҳорату малакаро рушд диҳанд, ки тавассути он хонандагон соҳиби донишҳои нав гардида, мустақилона худро ба зиндагӣ мутобиқ созанд. Вобаста ба шароити навсозии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низом ва стратегия тағйир ёфта, техника ва мантиқи татбиқи андешаҳои консептуалӣ ва анъанаҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳо дар асоси навсозӣ дар мазмун, шакл ва методҳои таълим оид ба иҷтимоишавии хонандагон рӯй медиҳад.

Максади таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ ин ошкор намудани самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст:

- омӯхтани андешаҳои муосир дар бораи роҳ ва тарзи самараҳок истифода бурдан аз методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- гузаронидани таҳлили муқоисавии  методҳои анъанавӣ бо методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- ошкор намудани зарурияти гузаштан ба таълими башардӯстона, демократӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ дар асоси талаботҳои салоҳиятнокии иҷтимоӣ дар синфҳои ибтидоӣ;

- муайян намудани асосҳои консептуалии коркардҳои методӣ ва технологияи лоиҳакашии мазмуни барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон;

- дар такя ба натиҷаи корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ, омода намудани тавсияҳои илмӣ- методӣ оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазам, маҷмуӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, усулҳои илмӣ ва ғайра истифода шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро корҳои илмию таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки ба паҳлӯҳои гуногуни мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд, аз он ҷумла, силсилаи дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ-методии муҳаққиқон оид ба роҳу усулҳои фаъоли таълим ва татбиқи муносибати босалоҳияти иҷтимоӣ дар таълим ташкил медиҳанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ- озмоишӣ, тасниф ва ҷамъбасткунӣ  бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ- арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмӣ, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ рӯйи кор омаданд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот: дар он зоҳир мегардад:

- манфиатнокии методҳои фаъоли таълим ва муносибати инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд;

- технологияи нави ворид намудани барномаҳои давлатӣ, дар мутобиқат ба китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- истифодаи методҳои фаъоли таълим дар шароити вариантивии мазмуни таҳсилот, муносибати тафриқавӣ ба барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- коркарди тавсияҳо барои роҳбарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон.

Натиҷаи дар раванди таҳқиқоти бадастомада паҳлуҳои мубрами асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо истифода аз методҳои фаъоли таълим дар бар гирифта, ҳамчун сарчашмаҳои назариявии таҳқиқот хизмат мекунад. Диссертатсия мавқеи истифода аз методҳои фаъоли таълимро дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии ташаккули салоҳиятмандӣ ишора менамояд. Роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иртиботӣ, муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ, чун омили боэътимоди рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар зинаи ниҳоии таҳсилот - синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш, таҳлили осори фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ тавассути истифодаи усулҳои муқоисавӣ асоснок намудани нуқтаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд. Муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ ширкатнамуда таъмин карда мешавад.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯхиши дурусти таҳқоқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқарраротӣ кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаи дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ноилшуда, барои боз ҳам беҳтар ва самараноктар шудани фаъолияти таълим ва ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ унвонҷӯ чунин тавсияҳоро манзур намудааст:

1. Тамоми тадбирҳои мавҷударо андешидан даркор, ки барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ дар баробари методҳои анъанавии таълим ҳарчи бештар аз методҳои фаъоли таълим истифода намоем.

2. Фаъол гардонидани курсҳои омӯзишӣ дар татбики методҳои фаъоли таълим барои омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилот.

3. Бештар баргузор намудани дарсҳои телевизионии интерактивӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон.

4. Бештар ташкил кардан банаворгирии дарсҳои кушоди видеоӣбо истифодаи методҳои фаъоли таълим ва намоиш додани фаъолияти инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз тариқи шабакаҳои телевизион, ҳамчунин дастрасии омӯзгорони муассисҳои таҳсилоти умумӣ бо мақсади таҷрибаивазкунӣ.

5. Бештар ба табъ расонидани мақолаҳои методӣ, дастурҳои методӣ оид ба методҳои фаъоли таълим, муносибати босалоҳият ба таълим, фаъолияти инноватсионии омӯзгорон ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо ин маводи аёнӣ-таълимӣ.

6. Ташкил додани вохӯрӣ, семинар, мизҳои мудаввари омӯзгорон бо коршиносон оид ба раванди татбиқи методҳои фаъоли таълим, фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим.

7. Коркарди барномаҳои миллӣ ва нақшаи дурнамо оид ба истифодаи методҳои фаъоли таълим ҷиҳати ташаккул ёфтани салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Дар рафти таҳқиқот, инчунин масъалаи истифодаи роҳу воситаҳои самараноки азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон бо истифода аз методҳои фаъоли таълим асоснок гардидааст. Муайян гардид, ки дар раванди ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим шавқу завқи хонандагонро ба донишандӯзӣ баланд мебардорад.

Ба андешаи муаллиф асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим гузаронида шудаанд, натиҷаи самаранокии худро ба масъалаи таҳқиқшаванда исбот намуданд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқтаҳои илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррониии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.

Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳилаҳои таҳқиқот,авриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми

гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтвои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар муқаддима муҳаққиқ ба таҳқиқоти олимони мухталифи ватанӣ ва хориҷи кишвар ишора намуда, аз арзишҳои илмии он пажӯҳишҳо таъкид менамояд, вале дар адабиёти истифодашуда таҳқиқоти олимони ватанӣ камтар ба назар мерасад.

2. Бисёр хуб мебуд, агар истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия осону қулайтар мегашт ва тавсияву пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ироашуда дар шакли амсилаи ташаккули малакаҳои кор дар шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим дар раванди таълимию тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо коркард ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар заминаи амсилаи мазкур баргузор карда мешуд.

3. Агар аз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон низ мавзуъ амиқтар таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

4. Дар рисола ва автореферат меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовнаро дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” кам намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Тахассуси илмии довталаб Окимшоева Рухсора Суробовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва тартиб додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи экспертон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҷ. Булбулов ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Саидиброимов Ш.О. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Окимшоева Рухсора Суробовна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев 22 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 22 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика,

равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 1.12.2023, № 4 қабул карда шуд.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
педагогика, равоншиносӣ ва методикаи
таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҷумаева Б. Д.

Экспертони таҳқиқоти диссертатсионӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва
методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Булбулов Ҷ.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика ва методикаи
таълими ибтидоии Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Саидиброимов Ш.О.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ Нозимов С.

**Маълумот барои тамос:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистоии Бадахшон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур 109. E-mail: info@khogu.tj

Имзоҳои дотсент Ҷумаева Б. Д., профессор Булбулов Ҷ., дотсент Саидиброимов Ш.О. ва муаллими калон Нозимов С. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС